**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти**

**дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 25 январи соли 2022, №____**

Барои сазовор донистани Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 6-уми июли соли 2021 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, № 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад 1-уми сентябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Номбурда соли 2014 факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2014 то инҷониб дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муаллим ва муаллими калон фаъолият намуда истодааст. Ҳамзамон, аз соли 2017 то инҷониб унвонҷӯи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳокима ва иҷро гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Мавзӯи диссертатсия – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт» дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 2 аз 27 сентябри соли 2018).

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Анвар Ислом – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳукукшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Абдурасулова Қумринисо Раимкуловна – доктори илмҳои ҳукукшиносӣ, профессор, профессори кафедраи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва криминологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Зокирзода Зафар Хайрулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қудратов Некруз Абдунабиевич имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дотсент Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016,

№ 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқамандии зич дорад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ муаллифи 13 мақолаи илмие мебошад, ки 8-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ, саҳми муаллиф ва ҳаҷми таълифоти илмӣ, инчунин таълифоти арзанда, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, бо зикри маълумоти нашрӣ оварда мешавад.**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Нарзуллоев, С.С. Ҷанбаҳои криминологӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №3 (39). – С. 146-151.

**[2–М].** Нарзуллоев, С.С. Идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад: таҳлили

муқоисавӣ ва забонӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №4 (40). – С. 156-160.

**[3–М].** Нарзуллоев, С.С. Ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар солҳои 1922-1961 // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2 (46). – С. 115-121.

**[4–М].** Нарзуллозода, С.С. Масоили муайян намудани объекти ҷиноят вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – №4 (36). – С. 141-146.

**[5–М].** Нарзуллозода, С.С. Масоили мубрами тарафи объективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №9. – С. 343-348.

**[6–М].** Нарзуллозода, С.С. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии оқибатҳои ҷинояти пешбинишудаи моддаи 212-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмии таҳлилии «Қонунгузорӣ». – Душанбе, 2021. – №1 (41). – С. 119-124.

**[7–М].** Нарзуллозода, С.С. Масоили тарк намудани ҷои ҳодиса ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №1 (49). – С. 90-95.

**[8–М].** Нарзуллозода, С.С. Баъзан паҳлӯҳои баҳсталаби тарафи субъективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – №1 (37). – С. 152-155.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонида шудаанд:**

**[9–М].** Нарзуллоев, С.С. Табиати ҳуқуқии ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои харакати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт // Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ: Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (25-уми майи соли 2018) – Душанбе, 2018. – С. 182-188.

**[10–М].** Нарзуллоев, С.С. К вопросу о необходимости определения крупного ущерба в преступлениях против безопасности движения и эксплуатации транспорта в уголовном Кодексе Республики Таджикистан // Транспортна безпека: правові та організаційні аспекти: матеріали XIV Міжнародноӣ науково-практичноӣ конференціӣ (в авторській редакціӣ), (м. Кривий Ріг, Донецкий юридический институт МВД Украины, 12 листопада 2019 року). – Кривий Ріг, 2019. – С. 210-214.

**[11–М].** Нарзуллозода, С.С. История развития института ответственности за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств по уголовному законодательству Таджикистана (1922-1961 г.г.) // Актуальные проблемы международного сотрудничества в борьбе с преступностью: Сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции, приуроченной к 20-летию принятия Конвенции ООН против транснациональной организованной преступности 2000 г. (29 октября 2020 г.). – Москва, 2020. – С. 124-121.

**[12–М].** Нарзуллозода, С.С. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мутобиқи КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VIII Международной научно-практической конференции (Душанбе, 30 октября 2020 г.). – Душанбе: РТСУ, 2020. – С. 308-315.

**[13–М].** Нарзуллозода, С.С. Баъзан масоили субъекти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (м. 212 КҶ ҶТ) // Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: III-юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2020). – Душанбе: Академияи ВКД, 2020. – С. 246-249.

1. **Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби профессори кафедраи ҳукуки ҷиноятии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳукукшиносӣ, профессор Абдуҳамитов В.А.; муовини сардори Шуъбаи минтақавӣ дар водии

Зарафшони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Сугд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники адлия Розиқзода А.А.; Сардори Раёсати ташкили кор ва назорати иҷрои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холмуҳаммадзода А.Х.; ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанд, ҳуқуқшиноси дараҷаи 2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Курбонзода Б.Ш.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро фаро гирифта, аз инҳо иборатанд:

- бо дарназардошти кадом сабабҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтани танҳо доираи маҳдуди маводҳои парвандаи ҷиноятии шахсоне, ки аз рӯйи м. 212 КҶ ҶТ маҳкум шудаанд; дар маводҳои эмпирикӣ гузаронидани пурсишҳо байни кормандони суд, прокуратура, тафтишот ё кормандони дастгоҳи оперативӣ; масъалаи тафриқагузории вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт бо дигар ҷиноятҳои нақлиётӣ; вобаста ба пешниҳоди муаллиф дар хусуси ихтилофот байни тавсияҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 28 аз 18-уми декабри соли 2009 ба баъзе меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ; оид ба масъалаи маълумоти омори расмӣ доир ба ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт; вобаста ба давраҳои рушди меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҷавобагарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт; доир ба кушодани намудҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ё истифодаи воситаҳои наклиёт ва нишон додани шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ ва инъикос намудани фоизи муайяни онҳо.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- омӯзиши рушди қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи

воситаҳои нақлиёт; гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар асоси қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ; таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт; баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби чинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт; муайян намудани фарқияти ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз дигар чиноятҳои ба он монанд; коркард ва тавсияи пешниҳодҳо оид ба мукаммалсозии қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт коркард шудаанд.

- бо мақсади мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ва бартарафсозии духӯрагиҳо дар миёни онҳо як қатор таклифҳои судманд оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ва бар ин васила такмили моддаи 212 КҶ ҶТ пешниҳод шудааст.

- дар диссертатсия исбот шудааст, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро танзим менамоянд, мафҳумҳои «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ» ва «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт» муқаррар нагардида, танҳо шаклҳои он пешбинӣ шудаанд. Ҳамзамон, исбот гардидааст, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин мафҳумҳо ба таври гуногун шарҳ дода шудаанд, ки ин метавонад боиси ба таври гуногун татбиқ намудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ гардад.

Ғайр аз ин, дар диссертатсия исбот шудааст, ки дар м. 212 КҶ ҶТ меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ нисбати шахси чиноят содирнамуда, ки тамоми чораҳои имкониятдоштаро ҷиҳати расонидани ёрӣ ба чабрдида дидааст, мавҷуд нест. Зиёда аз ин, исбот мегардад, ки мазмуни Қарори

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 28 аз 18-уми декабри соли 2009, ки бевосита тартиби татбиқи дурусти меъёрҳои КҶ ҶТ-ро вобаста ба ҷинояти тадқиқшаванда тавсия менамояд, ба меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ мутобиқат намекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки дар он** пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд, ташкил додааст.

Вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт як зумра олимони ватанӣ ба монанди А.И. Сафарзода, А.Ш. Ализода К.Ҳ. Солиев, Ҷ.Р. Раҳимов, Ҳ.С. Сафарзода, Р.М. Раҷабзода, Р.Ҳ. Саидзода, Т.Ш. Шарипов ва олимони хориҷӣ, аз қабили А.Г. Рублев, А.И. Коробеев, А.И. Чучаев, А.П. Бохан, А.Ш. Габдрахманов, А.Ю. Пожарский, Б.А. Куринов, В.И. Жулев, В.И. Неверов, Г.Ш. Аюпова, Д.В. Собин, Е.А. Войтенков, З.Б. Соктоев, И.Н. Кременов, М.В. Афанасев, М.В. Федорченко, М.Э. Авдалян, Н.И. Пикуров, Н.Ю. Исаев, С.А. Комарикова ва Ф.Б. Мелников таълифоти худро ба нашр расонидаанд, ки паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсионии мазкур аз ҷониби онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта**, ҳалли вазифаҳои гузошташуда тавассути усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои илмии хусусӣ **истифода бурда шудаанд.** Аз ҷумла, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, навъбандӣ ҳангоми таҳқиқи рушди қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, муқоисавӣ, тасниф дар раванди омӯзиши қонунгузории ҷиноятии

давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба мавзӯи тадқиқшаванда, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, абстраксиягардонӣ дар рафти тадқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии чинояти баррасишаванда истифода гардидаанд. Ҳамзамон, дар раванди омӯзиши маълумоти оморӣ доир ба сатҳ, сохт ва динамикаи ҷинояти номбурда, усулҳои математикӣ, оморӣ, кибернетикӣ ба кор бурда шудаанд. Инчунин, дигар усулҳои илмӣ низ истифода шудаанд

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

– таклифу пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми коркард ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаи такмили механизми ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқамананданд, **истифода бурда шаванд;**

– нуктаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми муайян намудани аломатҳои таркиби чинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ва бандубасти онҳо истифода шаванд;

– маводи рисолаи диссертатсия ҳангоми гузаронидани дарсҳои таълимӣ аз фанҳои марбут ба ҳуқуқи чиноятӣ, ҳуқуқи ичрои чазои ҷиноятӣ, криминология, квалификатсияи ҷиноят ва ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, аз чумла, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

– нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ташаккул ва инкишофи механизми ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт асос ёфта, бо маводи интишории унвончӯ марбут ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, **мувофиқат мекунанд**;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, нуктаҳои илмӣ, ва хулосаҳои осори илмӣ, истифодаи маълумоти омории расмии ҷиноятиву маъмурӣ ва таҷрибаи амалияи тафтишотию судӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин менамоянд;

– пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

– нуктаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда барои дуруст татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт **мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** дар таҳқиқи бевоситаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, пешниҳоди нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллиф дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияю семинарҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар чопи 13 мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода меёбад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз санаи 25-уми январи соли 2022 Шӯрои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктории илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии

дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 14 нафар; муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест; бетараф – нест, бюллетенҳои истифода нагардида ва беэътибор - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**25 январи соли 2022**